**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2021

*Дар семоҳаи дуюми соли 2021 вобаста ба тадриҷан бартараф гардидани паёмадҳои ногувори пандемияи COVID-19 дар иқтисодиёти миллӣ ва мукаммал гардидани сохтори низоми бонкӣ, муътадилии нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ таъмин карда шуд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи дуюми соли 2021 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ (К1-1) аз талаботи муқарраршуда 10,6 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд иҷро гардида, ба 22,6 фоиз баробар шуд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом низ ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 96,8 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи дуюми соли 2020 ба андозаи 31,6 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ бошад, ба 108,5 фоиз баробар гардида, нишондиҳандаи баландтарин дар чанд соли охир ба ҳисоб меравад.

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 3,0 ва 11,9 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 мутаносибан ба андозаи 1,1 б.ф. ва 4,9 б.ф. зиёд мебошанд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар интиҳои семоҳаи дуюми соли 2021 сифати сандуқи

*1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ*




**2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)**




**3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя**



қарзӣ, бинобар мукаммал гардидани сохтори низоми бонкӣ ва коҳиш ёфтани ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол дар аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ, бехтар гардида, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ 15,5 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 маротиба кам мебошад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи дуюми соли 2021 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ кӯтоҳ ҷамъбаст гардида, андозаи он -0,4 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи асъории қарзҳо ва пасандозҳои низоми бонкӣ тамоюли коҳишёбии худро идома дода, мувофиқан ба 34,8 фоиз ва 43,9 фоиз баробар гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 мутаносибан ба андозаи 16,2 б.ф. ва 3,9 б.ф. кам буда, аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳанд.

**4. Сифати сандуқи қарзӣ**




**5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ**




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*